# Тоҷикистон: «иттилооти бардурӯғ» дар доираи Кодекси ҳуқуқваронкунии маъмурӣ

Ноябр, 2020

# Мундариҷа

Пешгуфтор

**Меъёрҳои байналмилалии татбиқшаванда**

Ҳуқуқ ба озодии баён

Танзими «дезинформатсия», «иттилооти бардуруғ» ва «хабарҳои қалбакӣ»

**Мушкилоти марбут ба танзими “дезинформатсия»**

**Таҳлили моддаи 374(1)**

Мафҳумҳо

Ният

Ба ВАО равонашуда

Мутаносиб будан

Муҳокимаи оммавии тадбирҳои сиёсӣ

**Хулосаҳо ва пешниҳодҳо**

# Пешгуфтор

АРТИКЛ- 19 дар ин брифинг муқаррароти навро дар бораи "иттилооти бардурӯғ", ки ба қарибӣ дар Тоҷикистон қабул шудааст ва мувофиқати онҳоро ба стандартҳои байналмилалии озодии баён шарҳ медиҳад.

Тоҷикистон ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар моҳи июни соли 2020 тағйирот қабул карда, муқаррароти нав ворид намуд. Он моддаи 374, қисми 1 аст, ки паҳн кардани маълумоти бардурӯғро манъ мекунад. Аз ҷумла, дар ин модда барои ду амал ҷазо пешбинӣ шудааст:

- Амдан паҳн кардани иттилооти бардурӯғ бо истифода аз васоити ахбори омма, интернет ё дигар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои барои одамон хатарнок ё дар амалисозии чораҳои маҳдудкунандаи карантинӣ; ва
- Паҳн кардани иттилооти ба ҳақиқат мувофиқатнакунанда дар бораи усулу роҳҳои муҳофизат ва дигар чораҳое, ки барои таъмини амнияти аҳолӣ аз ҳолатҳои мазкур пешбинӣ шудаанд. Ҷазоҳо аз ҷаримаҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳабси маъмурӣ барои шахсони воқеӣ то 15 рӯз иборатанд

.

Инислоҳот дар қонунгузорӣ, ки дар заминаи пандемияи COVID-19 қабул гардидааст, тибқи иттилоот, дар посух ба нашри матлабҳои рӯзноманигорон, блогерҳо ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи ҳолатҳои сирояти COVID-19 ва тақсимоти ноодилонаи кӯмакҳои башардӯстона дар кишвар қабул шудааст. Он боиси зуҳури як қатор мушкилот дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳо гардид, ки хавфи суйистифодаи қонун алайҳи расонаҳои мустақил ва дигарандешонро ба миён меоварад (инакомыслия[1]). Муқаррароти дахлдор бидуни машварати ошкоро ва дастрасии мардум қабул карда шуданд. Нигарониҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таъсири эҳтимолии манфӣ ба озодии баён ва озодии ВАО аз ҷониби мақомот нодида гирифта шуданд.

То лаҳзаи нашри ин таҳлил маълум нест, ки муқаррароти моддаи 374 қисми 1 дар амал чӣ гуна татбиқ шудаанд. Сарфи назар аз ин ҳолат, АРТИКЛИ 19 таҳлили муқаррароти дахлдорро аз нуқтаи назари таъсире, ки қабули онҳо метавонад ба соҳаи ВАО дар Тоҷикистон расонад ва он таъсири манфие, ки онҳо ба ВАО ва овозҳои интиқодӣ дар ҷомеа расонида метавонанд, муҳим мешуморад.

АРТИКЛИ 19 ин ислоҳотро бо назардошти кори доимияш дар самти озодии баён ва иттилоот дар 20 соли охир дар минтақа, аз ҷумла дар Тоҷикистон, бо камоли майл шарҳ медиҳад. Кори мо дар кишвар ба тарғиби озодии баён, озодии васоити ахбори омма ва дастрасӣ ба иттилоот тавассути барномаҳо ва ташаббусҳое равона шудааст, ки аз ҷумла, баланд бардоштани иқтидори ҳуқуқшиносони соҳаи ВАО, ҳимояи рӯзноманигорон ва дастгирии адвокатсияи ватаниро фаро мегиранд.

---

[1]Ниг.мас. Парлумони Тоҷикистон тағйирот оид ба ҷарима бастан ва боздоштанро барои”хабари бардурӯғ” дар шароити пандемияи COVID-19 тасдиқ намуд, 30 июни 2020 ; ё Институти байналмилалии матбуот: Тоҷикистон қонун дар бораи “хабарҳои бардурӯғ” оид ба короновирус қабул мекунад, , 7 июли с. 2020 .

# Меъёрҳои тадбиқшавандаи байналмилалӣ

Шарҳу тафсири АРТИКЛИ 19 оид ба моддаи 374(1) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла, ба ҳуқуқ оид ба озодии баён такя мекунад

## Ҳуқуқ ба озодии баён

Ҳуқуқ ба озодии баён бо моддаи 19-и Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон (ЭУҲИ) )[2]. ҳимоя карда мешавад ва тибқи моддаи 19 -ПБҲСШ [3] қувваи қонунӣ гирифтааст.

Фарогирии доираи ҳуқуқ ба озодии баён васеъ аст. Он аз давлатҳо талаб мекунад, ки ба ҳама одамон озодии ҷустуҷӯ, гирифтан ё паҳн кардани ҳама гуна иттилоот ва ғояҳоро, новобаста аз сарҳади давлатӣ, бо ҳар роҳу воситаи интихобкардаии шахс кафолат диҳанд. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар (КҲИ), як ниҳоди шартномавии коршиносони озод, ки аз ҷониби давлатҳо риояи шудани меъёрҳои ПБҲСШ-ро назорат мекунад, тасдиқ мекнад, ки фарогирии доираи ҳуқуқ ба ибрози ақида ва ғояҳо дар ҳаддест, ки ҳатто дигарон метавонанд онҳоро шадидан таҳқиромез шуморанд[4].

Гарчанде ҳуқуқ ба озодии баён ҳуқуқӣ бунёдӣ аст, вале он ҳуқуқи мутлақ нест. Ба тариқи истисно давлат метавонад ҳуқуқҳои дар моддаи 19 (3) -и ПБҲСШ пешбинишударо маҳдуд кунад, ба шарте ки маҳдудият ба «озмоиши иборат аз се қисм» ҷавобгӯ бошад. Барои ин зарур аст, ки маҳдудиятҳо инҳо бошад:

- **Дар қонун пешбинишуда:** ҳар як қонун ё фармон бояд ба қадрӣ кофӣ дақиқ баён шуда бошад, то ки одамон рафтори худро –талаботи қонуниятро ба шакли муносиб танзим карда тавонанд *;*

- **Ҳадафи қонуниро пайгирӣ намудан**: рӯйхати чунин ҳадафҳо мукаммал буда, аз эҳтиром ба ҳуқуқ ё эътибори дигарон, ҳифзи амнияти миллӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ (ordre public) ва ҳифзи саломатӣ ё ахлоқи ҷамъиятӣ - талаботи қонуният иборат аст;

- **Дар ҷомеаи демократӣ зарур будан,** ки аз давлат талаб менмояд, ки хусусияти дақиқи таҳдид, инчунин зарурат ва таносуби амалҳои мушаххаси андешидашударо ба таври мушаххас ва инфиродӣ, алахусус тавассути

[2] ПБҲШС 167 давлат иштирокчӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро дар бар мегирад.
[3]Бо қабули он тавассути қатъномаи Асанблеяи генаралии СММ;Эъломияи уммии ҳуқуқи инсон барои давлатҳо қатъиян ҳатмӣ нест,аммо ҳисобида мешавад , ки бисёре аз муқаррароти он чун ҳуқуқи байналмилалии маъмулӣ аз лаҳзаи қабулашон дар соли 1948 қувваи қонунӣ пайдо кардаанд. Ниг . *Филартига алайҳи Пена-Ирала*, 630 F. 2d 876 (1980 г., суди аппелятсионии ИМА ,ҳавзаи 2г).
[4] Кумитаи оид ба ҳуқуққҳои инсон. Мулоҳизоти тартиби умумӣ №34 нисбат ба моддаи 19: Озодии андеша ва баёни он, CCPR/C/GC/34, 12 сентябри соли 2011 ., б. 11.

ташкили робитаи мустақим ва фаврӣ байни изҳори ақида ва таҳдид – талабот оид ба зарурат, нишон диҳад.

Кумитаи ҳуқуқи инсон ба таври возеҳ изҳор дошт, ки аз ҷумла, барои қонунҳои марбут ба амнияти миллӣ, ишора намудан ба маҳдудиятҳо ,« барои нигоҳ доштан ё пинҳон кардан аз омма маълумотеро, ки манфиатҳои қонунии ҷамъиятро дар бар мегиранд ва ба амнияти миллӣ таҳдид намекунад ва ҳамчуни таъқиби журналистон, муҳаққиқон, экологҳо, муҳофизони ҳуқуқи инсон ё дигарон барои паҳн кардани чунин маълумот» бо моддаи 19 (3) -и ПБҲСШ[5] созгор нестанд.

Ғайр аз он, дар моддаи 20 (2) -и ПБҲСШ пешбинӣ шудааст, ки ҳама гуна таблиғоти кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ, ки боиси табъиз, душманӣ ва зӯроварӣ мебошанд, бояд аз ҷониби қонун манъ карда шавад.

## Танзими “дезинформатсия”, “маълумоти бардурӯғ” ва “хабарҳои қалбакӣ”

.

Истилоҳоти "маълумоти бардурӯғ", "дезинформация" ё "хабари қалбакӣ" -ро қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон муайян накардаанд. Тибқи моддаи 19 (3)- ПБҲШС муҳофизати одамон аз "иттилооти бардурӯғ" усулан ҳадафи қонунӣ барои асосонок намудани маҳдудсозии ҳуқуқ ба озодии баён нест.

Тавре чаҳор Гузоришгари махсус оид ба озодии баён дар Эъломияи муштарак дар соли 2017 ҳушдор медиҳанд, шахсони роҳбарикунандаи мансабдор барои бадном кардан ва тарсонидани ВАО ва шахсиятҳои озодандеш торафт бештар тамғаи "хабарҳои қалбакӣ" -ро истифода мебаранд, ки ин хавфи таҳдидҳои зӯровариро барои чунин афрод афзоиш ва эътимоди мардумро ба расонаҳо коҳиш медиҳад[6].

Нуктаи муҳими ин усул ҳамоно он боқӣ мемонад, ки «ҳуқуқи инсон барои додани иттилоот ва ғояҳо танҳо бо изҳороти «дуруст» маҳдуд намешавад, зеро ин ҳуқуқ инчунин ҳимояи иттилоот ва ғояҳоеро дар назар дорад, ки метавонанд боиси ташвиш, нигаронӣ ва нороҳатӣ шаванд». Чор фиристодаи махсус ба таври возеҳ изҳор доштанд, ки "манъи умумии паҳн кардани иттилоот дар асоси ғояҳои норавшан ва духӯра, аз ҷумла манъи" хабарҳои қалбакӣ "ё" иттилооти ғаразнок ", хилофи қоидаҳои байналмилалӣ дар мавриди маҳдуд кардани озодии баён мебошад." [7].

---

[5] Мулоҳизоти тартиби умумӣ №34, ки қаблан зикр шуд, банди 30.
[6] Баёнияи муштарак оид ба озодии баён ва ҳамчунин хабарҳои “фейк”,дезинформатсия ва пропаганда. Гузоришгари махсуси Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масоили ҳуқуқ ба озодии эътиқод ва баёни озодии он,Намояндаи Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо доир ба масоили озодии ВАО , Гузоришгари махсуси Созмони кишварҳои америкоӣ оид ба масоили озодии баёни андеша ва Гузоришгари махсус оид ба масоили озодии баён дар Африқо , 3 марти соли 2017
[7] Ҳамон ҷо.

# Мушкилоти марбут ба танзими “дезинформатсия”

Гуфта мешавад, ки "дезинформацияи сирояткунанда" ба яке аз хусусиятҳои асосии фазои муосири иттилоотӣ табдил ёфтааст. Аз ҷумла, пас аз интихоботи президентии соли 2016 дар ИМА, вай дар мубоҳисаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар бахши ВАО мавзуи бартариятдор шудааст.

Паҳншавии ривоятҳои "бардурӯғ" хусусияти низоми алоқаи рақамӣ ва маъруфияти шабакаҳои иҷтимоии ҷаҳониеро тақвият мебахшад, ки моделҳои тиҷоратиашон ба афзоиши ба истилоҳ "кликбайт" ва ҳикояҳои сенсатсионӣ мусоидат мекунанд, ки дар асл аксар вақт маълумоти ғалат, дезинформация, ё ба таври оддӣ санҷида нашудаанд[8]. Баъзеҳо инчунин тасдиқ мекунанд, ки ин дар навбати худ мушкилоти "ҳубобҳои иттилоотӣ" -ро ба вуҷуд меорад, ки дар он гурӯҳҳои одамон доимо ва ҳадафмандона бо иттилоот ва хабарҳои созгор бо ақидаҳояшон таъмин карда мешаванд (маълумоте, ки ба ақидаи онҳо мухолиф аст ва ҳар чӣ ба онҳо маъқул нест, сарфи назар карда мешавад)[9]. Тадқиқот инчунин коҳиши сатҳи эътимод ба ВАО-ро дар саросари ҷаҳон нишон медиҳад[10].

АРТИКЛИ 19 қайд мекунад, ки Шӯрои Аврупо дар гузориши худ «Бетартибии иттилоотӣ: роҳ ба сӯйи бунёди байнисоҳавӣ барои таҳқиқот ва таҳияи сиёсат» намудҳои гуногуни «иттилооти бардурӯғ» -ро ба ду самт - «ростӣ» ва «зарар» гуруҳбандӣ намудааст. Вай изҳор доштааст, ки "иттилооти бардурӯғе, ки бидуни қасди расонидани зарар паҳн шудааст, бояд" мизинформатсия "номида шавад. Иттилоооте , ки воқеӣ/ҳақиқӣ аст, аммо бо мақсади расонидани зарар паҳн карда мешавад, "малинформатсия" мебошад (масалан, дар ҳолатҳои "порноинтиқом", озору азияти ҷинсӣ ва ғ.) [11]. Ниҳоят, маълумоте, ки ҳам дурӯғ аст ва ҳам бо мақсади зарар паҳн карда мешавад, "дезинформатсия " мебошад. Ҳарчанд АРТИКЛИ 19 мавқееро ишғол мекунад, ки маҳдудиятҳои "ғайриҳақиқӣ" тибқи стандартҳои байналмилалии озодии баён қонунӣ нестанд. Ин кӯшиши тақсим кардани "бесарусомонии иттилоотӣ" ба категорияҳои ҷудогона барои муҳокимаи илмии масъала асоси муайян фароҳам меорад.

Масъалаҳои маълумоти ғалат ва нодуруст(дезинформатсия ва мизинформатсия) дар заминаи бӯҳрони давомдори ҷаҳонӣ дар соҳаи тандурустӣ, вобаста ба паҳншавии COVID-19, боз ҳам мубрамтартар гардиданд[12].. Ҳанӯз моҳи феврали соли 2020 Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (СҶТ) аз "дезинфодемия" изҳорӣ нигаронӣ намуд, ки дар натиҷаи ҷараёни маълумоти бардурӯғ ва гумроҳкунанда дар бораи COVID-19 ба амал омада буд. Ба ҳамин монанд, ЮНЕСКО рушди доимии «дезинфодемия» -ро дар робита ба масъалаҳои пайдоиши вирус, табиати он, пешгирӣ ва табобат қайд кард[1]. Иттилоияҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ тарғибкунандаи доруҳои қалбакӣ, назарияҳои тавтиа ва гузоришҳои носаҳеҳ дар бораи паҳншавии вирусро нисбат ба маълумоти

[8] Р. Мейер, Мрачные выводы крупнейшего в истории исследования фейковых новостей, The Atlantic, 8 марти соли 2018
[9] Ниг мас. баромади Илая Паризера дар TED-talk, марти соли 2011 .; Си Ти Нгуен, дотсенти фалсафа дар Университети Юта Валли, Проблема жизни внутри эхо-камер, The Conversation, 11 сентябри соли 2019 г.; Мостафа М. Эль-Бермави, Пузырь ваших фильтров разрушает демократию, Wired, 18 ноябр, с2016 .
[10] ЮНЕСКО, Равандҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи озодии баён ва рушди ВАО. Ҳисоботи глобалӣ барои солҳои 2017/2018 – Резюме, с 2017 ., Париж, саҳ. 16.
[11] ЮНЕСКО, Равандҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи озодии баён ва рушди ВАО. Ҳисоботи глобалӣ барои солҳои 2017/2018 – Резюме, с 2017 ., Париж, саҳ. 16 .
[12] ЮНЕСКО, Мубориза бо дезинфодемия:Кор бо ҳақиқат дар замони COVID-19.

манбаъҳои мӯътабар, одамон бештар дида ва хондаанд. Баъзан, дурӯғҳо ба гузоришҳои ВАО анъанавӣ ворид мешаванд. Дар бисёр ҳолатҳо, иттилооти бардурӯғ диққати мансабдоронро парешон мекунад, нобовариро ба ҳукуматҳо зиёд мекунад ва боиси сардаргумии мардум мегардад[13].

Ҳарчанд дезинформация ҳамеша вуҷуд дошт ва ҳамеша манбаи эҳтимолии зарар буд, таҳқиқот инчунин нишон медиҳанд,ки паҳн шуудан ва таъсир расонидани дезинформатсияи онлайнӣ бояд мавзӯи таҳқиқоти васеъ бошад[14]. Ин маънои онро надорад, ки ҳама тарғиботу ташвиқот комилан беҳудаанд, аммо бояд эътироф кард, ки пеш аз он ки мо нисбат ба дезинформатсия чораҳои ҷавобии коро таҳия намоем, мо бояд дарк намоем, ки он чи таъсире расонидан метавонад. Ҳатто вақте ки ҷомеаҳо бо вируси нав рӯ ба рӯ мешаванд, ҳатмист, ки аксуламалҳои мо бодиққат таҳия шаванд, ба таври оммавӣ муҳокима шаванд, бо далелҳои таҷрибавӣ ва мутобиқи меъёрҳои озодии байналмилалии баён ва стандартҳои ҳуқуқи инсон мувофиқат кунанд.

АРТИКЛИ 19 қайд мекунад, ки давлатҳои ҷаҳон барои таҳияи чораҳои ҷавобии мусбат алайҳи дезинформатсия дар атрофи COVID-19,баъзе талошҳо,ба монанди маъракаҳои саводнокии оммавӣ ва маъракаҳои коммуникатсионӣ анҷом доданд. Баъзе кишварҳо бо танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла тавассути вокуниши фавқулодда ба пандемия вокуниш нишон доданд. Дар аксари ҳолатҳо, чунин танзим дар доираи расмиёти саросемавор қабулшуда бо назорати маҳдуди ҷамъиятӣ (агар бошад) сурат гирфт. Бисёр қонунҳо манъкуниҳоро бо истилоҳоти мавҳум ифода намуданд, ки барои сӯиистифода кушода буданд ва инчунин таҳримҳои номутаносиброро дар бар мегирифтанд. Гарчанде таърифи аз ҷониби умум қабулшудаи иттилооти ғалат ё маълумоти нодуруст вуҷуд надорад (миз- ё дезинформатсия), қонунгузории бисёр кишварҳо ва муҳокимаҳои ҷории ҷамъиятӣ аксар вақт истилоҳоти духӯра ва / ё субъективӣ, аз қабили "иттилооти бардурӯғ" ё "маълумоти номуътамад" -ро дар бар мегиранд, ки кушиши ҳалли самараноки мушкилотро боз ҳам мушкилтар мекунанд. Танзими нодурусти ҳуқуқӣ метавонад ба кори васоити ахбори оммаи мустақил халал расонад ва ба ин васила ба ҷараёни иттилооти зарурии босифат халал расонад ва ҷомеаро ба "назарияҳои дасисаҳо" ва "устураҳои COVID-19" боз ҳам бештар ҳассос намояд.

АРТИКЛИ 19 мехоҳад аҳамият ва таъсири чораҳои мусбат оид ба мубориза бо дезинформатсияро ҳамчун як алтернативаи афзалиятнок дар муқобили қонунгузории шубҳанок нишон диҳад. Таъмини масъулиятшиносонаи ҳукуматҳо бо иттилооти саривақтӣ, дақиқ ва пурра, аз ҷумла оид ба масъалаҳои солимии аҳолӣ, дар давраи бӯҳрон ниҳоят муҳим аст. Тоҷикистон бояд ӯҳдадориҳояшро вобаста ба шаффофият мутаносибан нигоҳ дорад ва тавсеа диҳад. Мо инчунин ҳукуматро даъват менамоем, ки барои дастрасӣ ба иттилоот ва маълумоти марбут ба таъсир ва коҳиш додани пандемия чораҳои ҳамаҷониба андешад. Ин маълумот –иттилоот оид ба саломатӣ; маълумоти молиявӣ; иттилоот барои ашхоси осебпазир, гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо; маълумоти идоракунӣ; маълумот дар бораи ҳуқуқи инсон ва ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад[15]. Муоширати ошкоро, ростқавлона ва мунтазами байни ҳукумат ва ҷомеа эътимодро ба вуҷуд меорад, таваҷҷӯҳи мардумро аз ривоятҳои гумроҳкунанда ва ё маълумоти нодуруст дур мекунад ва ба ин васила дар ҳалли мушкилот нисбат ба қоидаҳои ношаффофи расмӣ бештар мусоидат мекунад.

---

[13] Ниг., аз ҷумла, ба тавсияҳои АРТИКЛ 19 матраҳнамуда, Дурӯғи вирусӣ, дезинформатсия ва коронавирус, марти с 2020

[14] НИг. мас., н, Р. Флетчер, А. Корниа, Л. Грейвс и Р. Клейс Нильсен, Андозагирии фарогирии “хабарҳои бардурӯғ” ва онлайн-дезинформатсия дар Аврупо, Бюллетени иттилоотӣ, феврали с. 2018., Институт тадқиқоти рузноманигории Ройтерс.

[15] АРТИКЛ 19, Ҳисобот. Таъмин намудани ҳуқуқ ба иттилоот дар шароити пандемияи COVID-19, май 2020 г., стр. 10–13.

# Таҳлили моддаи 374(1)

АРТИКЛ 19 арз мекунад, ки моддаи 374(1) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо сабабҳои зер бо меъёрҳои байналмилалии озодии баён мувофиқат намекунад

### Мафҳумҳо

Моддаи 374 (1) ду таърифро дар бар мегирад: "маълумоти амдан бардурӯғ" ва "маълумоте, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунад". Гарчанде ин истилоҳҳо назар ба мафҳуми ибтидоии сатҳии "хабарҳои қалбакӣ", ки дар баъзе қонунгузории ҷойҳои дигар мавҷуданд, беҳтар ба назар мерасанд, аммо онҳо ҳанӯз ҳам васеъ ва барои сӯйистифодаи эҳтимолӣ боз ҳастанд.

Масалан, норавшан аст, ки оё "иттилооти амдан бардурӯғ" дар қисми яки маддаи 374 (1) танҳо ба иттилооти марбут ба саломатӣ ё пандемия дахл дорад, ё он метавонад ҳар иттилооте бошад, ки дар давоми мавҷудияти COVID-19 ва / ё чораҳои карантинӣ пахн мешавад ва аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун «дурӯғи дидаву дониста» қабул карда мешавад. Гузашта аз ин, мафҳуми нисбатан васеи «иттилооти бардурӯғ дар бораи усулҳо ва роҳҳои муҳофизат ва дигар чораҳои барои таъмини бехатарии аҳолӣ андешидашуда» метавонад барои ҷазо додан ба ҳама гуна интиқод аз чораҳои муқарраркардаи ҳукумат, нодуруст истифода шавад. Он метавонад ҳамчун амали сензура истифода шуда, қарорҳо ва амалҳои мақомоти давлатиро аз танқиди қонунӣ ва назорати ҷамъиятӣ муҳофизат кунад.

АРТИКЛИ 19 инчунин қайд мекунад, ки мақомоти давлатӣ набояд барои муайян кардани он, ки чӣ ҳақиқат дорад ва чӣ на, масъул бошанд, зеро чунин «диктат дар бораи ҳақиқати расман тасдиқшуда» метавонад ҳар як ҷомеаро номаълум ба ҳукмронии авторитарӣ барад. Дар мавриди иттилооти марбут ба COVID-19, мақомоти давлатӣ ҳам метавонанд ба таҳқиқоти ҷорӣ ва навигариҳои илмӣ дар сатҳи байналмилалӣ дастрасӣ надошта бошанд, то ки дурустии ниҳоии маълумоти марбут ба вирусро бо риояи бехатарӣ муайян кунанд. Илова бар ин, дар ҳолатҳои ба вируси COVID-19 монанд, мавҷуд набудани таҳқиқоти дахлдори илмӣ, боиси иваз шудани андешаҳои сарчашмаҳои расмӣ, ба монанди СУТ ва олимони пешқадам оид ба баъзе масъалаҳои марбут ба пандемия дар тули вақт ва дар рафти тадқиқот мегардад.

Аз ин рӯ, дар робита ба амалҳои танзимӣ ё қонунгузорӣ, шубҳаовар аст, ки таърифи "маълумоти бардурӯғ" ягон вақт бо меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқат карда тавонад, танҳо агар он бо ҳадафи муайяни қонунии дар стандартҳои байналмилалӣ пешбинишуда алоқаманд набошад (масалан, дар мавриди тӯҳмат ). Бо ин сабабҳо, манъи пурраи "маълумоти бардурӯғ" бо қоидаҳои озодии баён созгор нестанд. Ҳар гуна муқаррароти қонунгузорӣ, ки вазифаи "ҳаками ҳақиқат" буданро ба зиммаи давлат ва алалхусус, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор мекунанд, ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар мувофиқат нахоҳад кард.

## Ният

АРТИКЛИ 19 инчунин қайд мекунад, ки моддаи 374 (1) ҳеҷ гуна қасду нияти расонидани зарар ба саломатии аҳолиро аз ҷониби паҳнкунандаи эҳтимолии иттилоот талаб намекунад. Тибқи ин муқаррарот, одамон метавонанд муҷозот шаванд, ҳатто агар онҳо маълумоти мушаххасро бидуни қасди баде бо якдигар мубодила мекунад. Масалан, онҳо метавонистанд баъзе навиштаҳояшонро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун шӯхӣ мубодила кунанд ва ё ҳатто ба дурӯғ будани маълумоте гумон ҳам набаранд. Ин муносибат фазои тарсу ҳаросро ба вуҷуд меорад ва метавонад ба таври самаранок мубоҳисаҳои қонунии ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-сиёсӣ ё марбут ба саломатиро пахш кунад.

Илова бар ин, дар шароити пандемияи зудтағйирёбанда, одамон аксаран маълумотро дар бораи COVID-19 бо ниятҳои нек мубодила мекунанд, ҳарчанд дертар дурӯғ будани маълумотро исбот мекунанд ва ё баръакс. Масалан, ниқобҳои рӯ дар айни замон ҳамчун яке аз воситаҳои ҷилавгирӣ аз паҳншавии сироят тавсия дода мешаванд, ҳарчанд самаранокии воқеии онҳо ҳанӯз дар маҷмуъ тасдиқ нашудааст. Дар рӯзҳои аввали пандемия, ҳатто СУТ истифодаи васеи ниқобҳоро ба аҳолӣ тавсия намедод. Муқаррароти моддаи 374 (1) ин вазъияти босуръат инкишофёбандаро инъикос намекунанд ва метавонанд барои пахш кардани иттилооте истифода шаванд, ки дар ниҳояти кор, шояд, матлуб ва муфид бошанд.

**Ба ВАО нигаронидашуда.**

Моддаи 374 (1) воситаҳои ахбори оммаро дар байни каналҳои техникии паҳнкунандаи иттилоот, аз қабили Интернет ва телекоммуникатсия мушаххасан зикр мекунад. Дар он нақши ҳаётан муҳими ВАО дар ҷомеаи демократӣ ва хусусияти кори онҳо ба назар гирифта намешаванд. Он ҳадафмандона ба рӯзноманигорон равона шудааст, ки кори худро тавассути ҷамъоварӣ, истеҳсол ва паҳн кардани иттилоот иҷро мекунанд. Гарчанде маъмулан қабул шудааст, ки васоити ахбори омма бояд барои таъмини инъикоси матолиби ботавозун ва маълумоти дақиқе, ки ба шунавандагони худ пешниҳод мекунанд, саъй ва талошҳои оқилона ба харҷ диҳанд, аммо ҳама гуна талаботи қонунгузорӣ барои дақиқии мутлақи инъикоси ВАО озодии баёнро буғӣ мекунад. [16] Ин, хусусан дар заминаи журналистикаи таҳқиқотӣ ё нашри матлабҳо дар ВАО, ки мавзӯъҳои мураккабро бидуни хулосаҳои ниҳоии илмии то ҳол ба даст наомада муҳокима мекунанд (масалан, вируси COVID-19, табиат, пешгирӣ ва табобати он) мушкилот хоҳад дошт.

АРТИКЛИ 19 мехоҳад таъкид кунад, ки васоити ахбори омма ва рӯзноманигорон вазифаи муҳиму асосии назоратро дар ҳама гуна кишварҳои демократии муассир иҷро мекунанд ва вазифаи мусбати ҳукуматҳои миллӣ фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва амният барои матбуоти озод ва плюрализми ВАО мебошад[17].

---

[16] Ниг., мас..Суди аврупоӣд, *«Аксель Шпрингер АГ» алайҳи Олмон*, шикояти №39954/08, 7 феврали с.2012 , б. 93; ё *Зарубин алайҳи Литва*, жшикояти №69111/17, 26 ноябри с 2019 ., б. 58.

[17] Ниг . мас. КҲИ . Мулоҳизоти тартиби умумӣ №34 оид ба моддаи 19: Озодии андеша ва баён, CCPR/C/GC/34, 12 сентябри с. 2011 ., б. 14; Уҳдадории САҲА дар соҳаи андозагирии инсонӣ , ОБСЕ/БДИПЧ,вз маҷмуаи мавзуӣ, нашри 3-ум , ҷузъи 1, с.2011 ., саҳ. 123–130;Тавсияҳои CM/Rec(2018)1[1] Кумитаи вазирони кишварҳои аъзо оид ба гуногунандешии ВАО ва шаффофияти идоракунии ВАО , ки 7 марти с. 2018 дар ҷаласаи 1309 муовинони вазирон қабул шудааст, б 1.2

## Мутаносиб будан

Аммо дар нисбатии таҳримҳо. Моддаи 374 (1) ҷаримаҳоро дар ҳаҷми 10-20 нишондиҳанда барои ҳисоббаробаркунӣ (тақрибан 48-96 евро) барои шахсони воқеӣ ва 150-200 нишондиҳанда барои ҳисоббаробаркунӣ (тақрибан 712-950 евро) барои шахсони ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Инчунин афрод метавонанд ба мӯҳлати аз 10 то 15 рӯз ба ҳабси маъмурӣ гирифта шаванд. Бо назардошти он, ки музди миёнаи меҳнат дар Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир тақрибан 105 евро[18] аст ва таърифи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ин муқарарот аз ҳад васеъ ва номукаммал аст, АРТИКЛИ 19 ҷазоҳои дар моддаи 374 (1) пешбинишударо ба таври ошкоро номутаносиб ва хилофи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи озодии изҳори ақида ва таҷрибаи пешқадам мешуморад. Ғайр аз он, ҷазо барои баёни андеша (суханронӣ) бо маҳдудиятҳои шадиди озодии шахс, ба монанди ҳабси маъмурӣ, танҳо дар ҳолатҳои ҷиддитарин, ба монанди ҷазо барои дағалона вайрон кардани меъёрҳои сухан асоснок карда мешавад ва гузоштани чунин намуди масъулият бояд кафолатҳои қатъии мурофиавиро дошта бошад.

## Муҳокимаи оммавии тадбирҳои сиёсӣ

Ниҳоят, ҳарчанд барои ҳалли фаврии бӯҳрони саломатии аҳолӣ метавон чораҳои иловагӣ андешид, ҳар як амали ҳукумат, ки барои ҳифз ва беҳтар намудани вазъи саломатӣ ва амнияти ҷамъиятӣ равона шудааст, аз руйи хусусияташ сиёсӣ аст ва аз ин рӯ, бояд барои тафтиш ва муҳокимаи мардум кушода бошад[19]... Азбаски ҷомеаҳои мо бемайлон бо он далел мубориза мебаранд, ки пандемия на як ҳамлаи кӯтоҳмуддат, балки як озмоиши дарозмуддат хоҳад буд, барои як ҷомеаи демократӣ муҳим аст, ки тадбирҳои солимии ҷамъиятиро доимо тавре мавриди тафтиш қарор диҳад, ки маъмулан шафофияти тасмимҳои ҳукумат ва ҳисоботпазирии идоракунии давлатиро таъмин менамуданд . Ин на танҳо барои таъмини идоракунии оқилонаии демократӣ, балки дар фароҳам овардани шароити мусоид барои дарёфти роҳҳои нави самарабахши пешгирии сироят ва табобати бемориҳо муҳим аст. Дар асл, бо ҷазо додан барои ақидаҳое, ки ба стратегияи ҳимояи ҳукумат мувофиқат намекунанд, моддаи 374 (1) ҷараёни озоди мубоҳисаҳои ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои ниҳоят муҳими ҷамъиятӣ халалдор мекунад ва метавонад ба кашф ва татбиқи тадбирҳои бештар муассири ҳифзи саломатии аҳолӣ халал расонад.

---

[18] Ниг. Сатҳи миёнаи даромад дар Тоҷикистон дар Take Profit.

[19] Шурои АврупоСовет ,Эҳтиром ба демократия ва волояти ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон дар доираи буҳрони санитарии Ковид- 19.. Санадҳои иттилоотии SG/Inf(2020)11, аз 7 апрели 2020 ., ки мегуянд « каналҳои иртибототи расмӣ наметавонад канали ягона дар замони пандемия бошанд. Ин боиси сензура ва фишори нигарониҳои қонунӣ мегардад. Журналистон, васоити ахбор, кормандони тиб,фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар умум ҷомеа бояд имкони танқид аз ҳукумат ва таҳлили дақиқи бархурди онҳоро бо буҳрон дошта бошад ».

# Хулосаҳо ва пешниҳодҳо

Дар асоси гуфтаҳои боло, АРТИКЛИ 19 хулоса мекунад, ки моддаи 374 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон ба талаботи санҷиши се қисмии маҳдудиятҳои иҷозатдодашуда барои озодии баён ҷавобгӯ нест. Гарчанде он ҳадафи қонунии ҳифзи саломатии аҳолиро пайгирӣ мекунад, аммо он ба талаботи қонуният (истилоҳоти аз ҳад васеъ ва норавшан) ва зарурат (муҳокимаи озодонаи масъалаҳои манфиати ҷамъиятро монеъ мешавад ва метавонад барои таъқиби ВАО ва дигарандешон истифода шавад) ҷавобгӯ нест.

Аз ин рӯ, АРТИКЛИ 19 ба Ҳукумати Тоҷикистон тавсия медиҳад:

- Моддаи 374 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бекор карда шавад. Ҳамчун чораи муваққатӣ, мақомоти давлатӣ бояд аз иҷрои риояи намудани муқаррароти ин модда худдорӣ кунанд, алахусус, дар сурати мавҷуд набудани далелҳои ҷиддии паҳн кардани иттилооти бардурӯғ ба таври системанок ва тарҳрезишуда бо мақсади возеҳи зарар ба саломатии аҳолӣ;
- Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳама гуна маҳдудиятҳои озодии баён, ки дар посух ба пандемияи COVID-19 қабул шудаанд, дақиқан мушаххас, зарурӣ, мутаносиб ва барои ваќи муайян мебошанд;
- Дастрасии аҳолиро ба тамоми иттилооти марбут ба масъалаҳои солимии ҷомеа, аз ҷумла бо маълумот оид ба COVID-19, таъмин намудан. Ҳукумат бояд маъракаҳои иттилоотию коммуникатсионии оммавиро мунтазам ташкил намояд, то тамоми ҷомеа, аз ҷумла аққаллиятҳо, аҳолии деҳот ва гурӯҳҳои дар канор монда, мунтазам дар бораи пешгирӣ ва табобати COVID-19 маълумоти нав гиранд;
- Таҳия ва фарогирӣ бо барномаҳои саросарии саводнокии расонаӣ бо мақсади баланд бардоштани устувории ҷоме нисбат ба дезинформатсия ва мусоидат дар истеъмоли бошуъуронаи иттилоот. Чунин барномаҳо бояд дар машварат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони ВАО таҳия карда шаванд ва ҳама гурӯҳҳои синнусолиро фаро гиранд.

  АРТИКЛИ 19 инчунин ВАО ва рӯзноманигорони Тоҷикистонро ба ташвиқи фаъолонаи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, истифодаи механизмҳои мавҷуда ва дар ҳолати зарурӣ таҳия намудани механизмҳои нави самарабахши худтанзимкунӣ, бо мақсади риояи амалияи мусбати рӯзноманигорӣ ва вокуниши мувофиқи соҳа ба миз ва дезинформатсия, аз ҷумла, дар бораи COVID-19 ва масъалаҳои марбут ба он ташвиқ мекунад.

# Дар бораи АРТИКЛ 19

АРТИКЛ 19 ҷонибдори таҳияи меъёрҳои пешқадами озодии баён ва озодии иттилоот дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ ва ҳамчунин ҷонибдорӣ ҷорӣ намудани онҳо ба системаҳои ҳуқуқии ватанӣ мебошад. Шӯъбаи ҳуқуқии Артикл 19 як қатор матлабҳои муқарраркунандаи меъёрҳоро таҳия кардааст, ки қонунҳои байналмилалӣ ва муқоисавӣ ва ҳамчунин таҷрибаи пешқадамро дар соҳаҳое ба монанди қонун дар бораи бухтону тӯҳмат, дастрасӣ ба иттилоот ва танзими пахши барномаҳоро тавсиф мекунанд

Артикл 19 бо такя ба чунин матлабҳо ва ташхиси умумии ҳуқуқӣ , як қатор таҳлилҳои ҳуқуқӣ, шарҳҳо оид ба пешниҳодҳои қонунгузорӣ ва инчунин қонунҳои мавҷудаеро нашр мекунад, ки мавзуи ҳуқуқи озодии баёнро фаро мегиранд . Ин кори таҳлилӣ, ки аз соли 1998 инҷониб ҳамчун воситаи дастгирии талошҳои мусбати ислоҳоти қонунгузорӣ дар саросари ҷаҳон гузаронида мешавад, аксар вақт боиси такмилёбии назаррас дар қонунгузории пешниҳодшуда ё мавҷудаи дохилӣ мегардад. Ҳамаи таҳлилҳои мо дар http://www.article19.org/resources.php/legal дастрасанд.

Агар шумо хоҳед, ки ин муҳокимаи ин таҳлилро идома диҳед, ё ягон суоле доред, ки мехоҳед таваҷҷуҳи Департаменти ҳуқуқи Артикл 19 ҷалб намоед, шумо метавонед бо мо тавассути почтаи электронӣ: legal@article19.org тамос гиред.